# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо:

- дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ, маблағҳои махсус ва маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ҷиҳати амалисозии Стратегияи мазкур чораҷӯӣ намуда, нақшаҳои дохилиидоравии худро таҳия ва тасдиқ намоянд ва корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни ҷомеа ба роҳ монанд;

- оид ба рафти амалисозии Стратегияи мазкур ҳамасола то 15 январ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии Стратегияи мазкур ҳамасола то 15 феврал ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе

Замимаи 1
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
1 июни соли 2021, № 187

Стратегияи
муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии
Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд – Стратегияи мазкур) мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст.

2. Стратегияи мазкур ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, мутобиқ ба иқдомоти Тоҷикистон доир ба амалисозии Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид ва қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст.

3. Стратегияи мазкур тибқи Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 таҳия шудааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ, ОМИЛҲО ВА МАНБАЪҲОИ ТАҲДИДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Таҳдидҳои террористӣ шаклу усулҳои

тозаро касб карда, ҷуғрофиё ва доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд.

5. Интиқоли ҷангиён-террористон аз минтақаи Ироқу Сурия ба минтақаҳои дигар ва дар ин замина тақвият ёфтани мавқеи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хавфи зиёдро ба миён овардааст.

6. Ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда бо ин сохторҳо робитаҳои устувор дошта, дорои сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва таҷрибаи пешбурди фаъолияти тахрибкорию террористӣ мебошанд.

7. Созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботӣ мебаранд.

8. Дар робита ба ин Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ниҳодӣ, фарогир ва маҷмӯии пешгирӣ, ошкор, рафъ ва қатъ намудани зуҳуроти экстремизм ва терроризмро қабул ва амалӣ менамояд.

9. Дар натиҷаи амалӣ намудани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 заминаҳои сиёсати мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи давлатӣ доир ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуданд.

10. Дар натиҷаи тадбирҳои дар доираи амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 андешидашуда:

- ҳамкорӣ байни ҳама шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, иштироки фаъоли мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот дар пешгирии экстремизм ва терроризм таъмин карда шуд;
- заминаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт ташаккул дода шуданд;
- таъминоти иттилоотии фаъолият доир ба пешгирии экстремизм беҳтар карда шуда, дар байни аҳолӣ чорабиниҳои густурдаи фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ ва як силсила маводи иттилоотию роҳнамоикунанда дар ин соҳа ба табъ расонида шуд;
- сабабу омилҳои ба тундгароӣ ва экстремизм дар кишвар мусоидаткунанда ҳам аз ҷониби ниҳодҳои миллӣ ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ мавриди тадқиқот қарор дода шуданд;
- фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2018, №1042 «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин» қабул гардид;
- нақши соҳаи маориф дар пешгирии тундгароӣ баланд бардошта шуда, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ фанҳои ба омӯзиши таърихи дин, омилҳо ва механизмҳои ба миён омадани

низоҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ равонашуда, инчунин курсҳои махсус оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ворид карда шуданд;

- дар воситаҳои ахбори омма нашри пайвастаи мавод доир ба экстремизм ва терроризм ва хатари онҳо ба амнияти миллии кишвар ба роҳ монда шуд;

- ҷиҳати таъмини шароит барои фароғати ҷавонон дар давраи аз соли 2016 то моҳи июни соли 2020 дар мамлакат 16 маҷмааҳои варзишӣ, 12 варзишгоҳ, 993 майдончаи варзишӣ, 12 толори варзишӣ, 10 ҳавзи шиноварӣ ва 4 маркази фитнесӣ, ҷамъ 1155 иншооти варзишӣ ба маблағи умумии 637, 7 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шуданд;

- баҳри аз байн бурдани омилҳои иқтисодию иҷтимоии тундгароӣ ва экстремизм барои амалисозии имкониятҳои шахсият дар соҳаи иқтисодиёт, дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароитҳо фароҳам оварда шуданд. Муддати 10 соли охир Тоҷикистон дар шохиси Бонки ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» чор маротиба ба қатори кишварҳои ислоҳотгаро дохил гардид. Айни ҳол ҳиссаи бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат 70 фоизро ташкил дода, миқдори шахсони дар ин бахш машғулбуда 68 фоизи аҳолии дар соҳаи иқтисодиёт иштироки фаъолдоштаро ташкил медиҳад;

- дар чаҳорчӯбаи тақвияти мубориза бо кибер-экстремизм дар сохторҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ воҳидҳои (шуъбаҳои) мубориза бо ҷиноятҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ таъсис дода шуданд;

- баҳри пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ иқтидори воҳидҳои тарбиявӣ ва методӣ-пешгирикунандаи ин муассисаҳо пурзӯр ва баланд карда шуд;

- 2 январи соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» қабул карда шуд, ки он ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ дар ин самт, шаклу намудҳои ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ, инчунин чораҳои пешгирии фаъолияти экстремистиро муайян менамояд;

- фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2018, №1033 «Дар бораи Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025» қабул карда шуд;

- ба қонунгузории ҷиноятӣ як қатор тағйиру иловаҳое ворид карда шуданд, ки ба ҷиноятэътирофкунии (криминализатсияи) кирдорҳои нав ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта равона гардидаанд;

- дар раванди тақвияти заминаҳои ниҳодии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати муқовимат ба экстремизм ва терроризм таъсис дода шуда, Ситоди

байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти оперативӣ ва воҳидҳои тафтишотӣ, инчунин ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои марбут ба ҷалбкунии шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ созмон дода шуда, ҷиҳати пешгирӣ намудани амалҳои террористии омодашудаистода, муайян намудани шахсони дар ҳудуди Тоҷикистон ба фаъолияти экстремистию террористӣ машғулбуда чораҳои доимии фаврӣ андешида мешаванд;

- дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат аз минтақаҳои ҷангзадаи Сурия ва Ироқ зиёда аз 300 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин дар моҳи апрели соли 2019 84 нафар кӯдакони ноболиғ баргардонида шуда, ҷиҳати таъминоти моддию равонӣ ва ба ҳаёти муқаррарӣ баргардонидани онҳо чораҳо андешида шуданд. Шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар низоҳои ҳарбӣ дар ҳудуди кишварҳои дигар даст кашида, ба Ватан баргаштанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданд. Шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияташон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд манъшуда даст кашидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданд;

- ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм тақвият бахшида шуда, дар ин радиф Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори як қатор конференсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияҳои сатҳи баланд дар ин самт баромад намуд. Чунончи, дар натиҷаи Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд аз 4 майи соли 2018 таҳти унвони «Муқовимат ба терроризм ва экстремизми хушунатомез» Эъломияи душанбегии СММ қабул карда шуд.

11. Ба шарофати ин тадбирҳо сатҳи тундгароӣ дар ҷомеа, аз ҷумла шомилшавии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта коҳиш ёфта, дар ҷомеа фазои суботу ҳамдигарфаҳмӣ ва ризоияти байнимазҳабию этникӣ ба миён оварда шудааст.

12. Тоҷикистон барои зиндагӣ кишвари боз ҳам амнтар гардид. Пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе соли 2016 маротибаи дуюм ҷоизаи ЮНЕСКО «Шаҳри сулҳ, таҳаммулгароӣ ва якдилӣ дар ҳаёти ҳаррӯза»-ро ба даст оварда, ҳифзи ин авзоъро идома медиҳад.

13. Дар баробари ин, вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии COVID – 19, таҳаввули моҳият ва миқёси таҳдидҳо ба амнияти кишвар ва минтақа, дар маҷмӯъ, дар назди давлат ва ҷомеа вазифаҳои наверо мегузоранд, ки ҳалли онҳо барои муттаҳидсозии ҷомеа, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва пешгирии вусъати экстремизм ва терроризм аҳамияти истисноӣ доранд.

14. Таҳти таъсири ташвиқоти экстремистӣ ҳолатҳои шомилшавии шаҳрвандони кишвар, пеш аз ҳама ҷавонон ба сафи ташкилотҳои

экстремистию террористӣ ҳанӯз ҳам идома дошта, пайдоиши ҳалқаҳои нави ҳаракат ва созмонҳои тундрав ба назар мерасад.

15. Ақидаҳои аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ паҳншаванда ба шуури афроди алоҳида таъсир расонида, ҳисси муҳаббат ба Ватан, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ ва фарҳангию маънавиро дар замири онҳо коҳиш медиҳад.

16. Бар асари ин омилҳо солҳои охир дар кишвар якчанд амалҳои террористӣ содир гардиданд, ки муқобили кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маъмурияти муассисаҳои ислоҳӣ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони воқеӣ равона шуда, боиси талафоти ҷонӣ гардиданд.

17. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ ба омилҳои зерин асос ёфтаанд:

- тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон;
- аз ҷониби гурӯҳҳои тундрав истифода бурдани низоъҳои байнимазҳабии солҳои охир дар ҳудуди кишварҳои дигар рухдода ва дар сатҳи байналмилалӣ мавриди вокуниш қарор нагирифтани онҳо ҳамчун баҳона барои даъват ба якдилии мазҳабӣ ва муттаҳид шудан дар атрофи ғояҳои ин ташкилотҳо;
- таҳти таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ қарор гирифтани шаҳрвандони дар муассисаҳои таҳсилоти динии хориҷӣ таълимгиранда, инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои будубоши онҳо;
- наздикии ҷуғрофӣ бо кишварҳое, ки дар онҳо низоъҳои ҳарбӣ бо иштироки гурӯҳҳои тундрави динӣ идома доранд, дар қаламрави онҳо ҷойгир шудани пойгоҳҳои тайёркунии ҷангиёни ташкилотҳои террористие, ки қасди ба ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон паҳн намудани фаъолияти худро доранд.

18. Омилҳое, ки ба паҳншавии экстремизм, шомилшавии афроди алоҳида ба гурӯҳҳои тундрав ва аз ҷониби онҳо содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта мусоидат мекунанд ё метавонанд дар оянда мусоидат намоянд, инчунин инҳо мебошанд:

1) сатҳи ҳанӯз ҳам нокифояи самаранокии чорабиниҳои пешгирию маърифатӣ, таъминоти илмӣ-методӣ, тайёрии касбии кормандони соҳаи мазкур ва ҷалби воситаҳои ахбори омма дар пешгирии экстремизм ва терроризм;

2) осебпазирии муҳити динии кишвар аз ташвиқоти экстремистӣ бар асари донишҳои нокифояи динии аҳолӣ, рақобатпазирии нокифояи низоми ватании таҳсилоти динӣ, инчунин интишори васеи маводи экстремистӣ;

3) пурра истифода нагардидани зарфиятҳои низоми маориф ва сохторҳои давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон вобаста ба тарбияи сиёсӣ,

маънавию ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, пешгирии тундгароӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон;

4) номукаммалии механизмҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мавҷудияти ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва бюрократизм аз ҷониби баъзе хизматчиёни давлатӣ, ки метавонанд ба татбиқи кафолатҳои риояи ҳуқуқҳои шахсият ҳамчун шарти таъмини рафтори қонунӣ ва пешгирии тундгароӣ дар ҷомеа мамониат намоянд;

5) аз ҷониби гурӯҳҳои тундгаро истифода намудани мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳанӯз пурра анҷом наёфтани раванди танзими санҷишҳои фаъолияти субъектони хоҷагидор ва коҳиши сарбории андозҳои соҳибкорон, бекорӣ, болоравии нархи маводи ғизоӣ, масъалаи манзил ва мушкилиҳои дигар ҷиҳати расонидани таъсири бесуботкунанда ба аҳолӣ;

6) камбудиҳо доир ба ташкили фаъолияти муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва эмин доштани онҳо аз таъсири гурӯҳҳои экстремистӣ дар кишварҳои будубош, амиқ гардидани мушкилиҳои иҷтимоӣ дар оилаҳои дарватанмондаи муҳоҷирон, аз ҷумла оилаҳои тарккардашуда, мушкилии нигоҳубин ва тарбияи кӯдакон дар шароити оилаи нопурра;

7) пурра ҳал нагардидани масъалаҳои таъминоти ташкилию техникии пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва амали хушунатомези хусусияти террористидошта дар муассисаҳои ислоҳӣ, таъсирнокии нокифояи пешгирии дохилимаҳбасии экстремизм;

8) нокифоя истифода гардидани имкониятҳои воситаҳои ахбори омма ҷиҳати пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ, қавӣ набудани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба муқовимат бо кибер- экстремизм ва тафтиши киберҷиноятҳо, набудани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ;

9) пурра ба ҳисоб нагирифтани омили гендерӣ зимни татбиқи чораҳои муқовимат ба таҳдидҳои экстремистию террористӣ;

10) сатҳи нокифояи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани ташкилотҳои ғайридавлатии махсусгардонидашуда доир ба пешгирии экстремизм, камогоҳии ҷамоатҳои маҳаллӣ аз усулҳои пешгирии барвақтии ин зуҳурот;

11) мукаммал набудани қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба терроризм, самаранокии нокифояи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба ошкор намудани ҳалқаҳои пинҳонӣ амалкунандаи ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва шабакаҳои маблағгузории терроризм ва экстремизми байналмилалӣ;

12) мавҷуд набудани механизми дақиқи реинтегратсия ва ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ кардани ҷангиён-террористони баргаштаистода, занону

кӯдакони ба онҳо алоқаманд, инчунин шахсони аз иштирок дар ҳизбу ҳаракатҳои манъшуда дасткашида;

13) нокифоя истифода гардидани имкониятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар тақвияти муқовимат ба экстремизм ва терроризм.

19. Ҳалли масъалаҳои мазкур қабули стратегияи нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо менамояд.

## 3. МАҚСАД, ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

20. Мақсадҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзии давлат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошанд.

21. Мақсадҳои мазкур бояд тариқи амалӣ намудани чорабиниҳои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, профилактикӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки дар Стратегияи мазкур, санадҳои дигари сиёсию ҳуқуқӣ ва дастурҳои бо дарназардошти эҳтиёҷоти мубориза бо экстремизм ва терроризм қабулшаванда пешбинӣ шудаанд, ба даст оварда шуда, мебояд ҳамзамон тамоми ҷомеаро фаро гирифта, ба уҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ва стандартҳои озодӣ аз табъиз мувофиқат намоянд.

22. Вазифаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, тақвияти ҳамкориҳои онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти коҳиш додан, кам ва паст намудани хавфу таҳдиди терроризм, инчунин тақвияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва таъмини волоияти қонун мебошанд.

23. Самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм инҳо мебошанд:

1) дар самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм ва терроризм:

- васеъ намудани доманаи фаъолияти профилактикӣ, такмили чораҳои пешгирӣ дар асоси таҳлили самаранокии онҳо;

- ошкор ва бартараф намудани сабабҳои асосӣ ва омилҳои ҳаракатдиҳандаи экстремизм ва терроризм;

- ҷалби фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ба иқдомот доир ба пешгирии экстремизм;

- ташкил ва васеъ намудани тадқиқоти илмию таҳлилӣ ва сотсиологӣ вобаста ба сабабу шароитҳои экстремизм ва терроризм дар ин раванд

ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии арзёбии арзиши онҳо ҳисобидани имконпазирии татбиқи воқеии онҳо (хулосаву таклифҳо) дар амалия;

- фаъолтар намудани чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммаи электронию чопӣ, мусоидат ба воситаҳои ахбори омма дар ташаккули ҷаҳонбинии муосир, баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ;

- такмили механизмҳои ниҳодии пешгирии экстремизм ва терроризм, ҷалб кардани доираи боз ҳам васеътари мақомоти давлатӣ, дақиқ ва мушаххас намудани вазифаҳо, инчунин беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот доир ба пешгирии экстремизм ва терроризм;

- баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳайати омӯзгории бо ҷавонон коркунанда, ки муқовимат ба экстремизм ва терроризмро ба амал мебароранд;

- истифодаи таҷрибаи шаҳрвандони қаблан ба ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳшуда ҷиҳати пешбурди аксуламали тарғиботӣ бар зидди экстремизм ва терроризм;

2) дар самти баланд бардоштани нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ:

- нигоҳ доштани ризоияти байнимазҳабӣ дар ҷомеа бо роҳи қабули тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, эҳтиром нисбати ҳама дину мазҳабҳо;

- риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ ё анҷоми маросими динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон таҷовуз накунанд;

- тайёр намудани кадрҳои миллии динӣ, ки дар як вақт ҳам донишҳои баланди динӣ ва ҳам ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд, баланд бардоштани сифат, рақобатпазирӣ ва обрӯи низоми миллии таҳсилоти динӣ;

- ҳавасмандгардонии ба Ватан бозгаштани шахсоне, ки дар муассисаҳои ғайрирасмии таълими динии хориҷӣ таҳсил мекунанд, таъмини интегратсияи оромонаи онҳо ба ҷомеа;

- таъмини иштироки фаъоли рӯҳониён дар пешгирии экстремизм ва муқовимат ба раванди тундгароӣ дар муҳити динӣ, роҳандозӣ намудани усулҳои интерактивии пешбурди мубоҳиса ва машваратҳо байни рӯҳониён ва аҳолӣ;

3) дар самти баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм:

- ҷиҳати васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ такмил додани барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таълими фанҳо ва мавзуҳое, ки хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ новобаста аз мансубияти миллӣ ё динӣ, инчунин таҳаммулнопазирӣ нисбати экстремизм ва терроризм тарбия менамоянд;

- васеъ намудани донишҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён тавассути ба барномаи муассисаҳои таълимӣ ворид намудани курсҳои махсуси дахлдор;

- баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони педагогӣ ва мутахассисони муассисаҳои кӯдакона, коркард ва ворид намудани стандартҳои таълимии ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм равонашуда;

- андешидани чораҳо ҷиҳати роҳ надодан ба таълимоти ғайриқонунии динии кӯдакон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонуни онҳо, пешгирии беназоратӣ, бепарасторӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон;

- баланд бардоштани дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути таъмини боз ҳам бештари шаффофият ва беғаразии имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ, инчунин васеъ намудани асосҳои қонунӣ барои барқарор намудани донишҷӯёни қаблан хориҷшуда;

- идома додани фароҳамоварии шароит барои рушди фарҳангӣ-маънавӣ, ватандӯстӣ ва ҷисмонӣ, тарбияи кӯдакон ва ҷавонон дар ҳама маҳалҳои аҳолинишин то сатҳи маҳалла, таъмини дастрасии иншооти фарҳангӣ, варзишӣ ва фароғатӣ;

4) дар самти баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии шахс ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ:

- таҳияи барномаҳои маҷмӯии давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои дигари инсон ва шаҳрванд, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

- таъмини риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ;

- тақвияти мубориза бо коррупсия ва бюрократизм дар хизмати давлатӣ, таъмини шаффофият ва беғаразӣ ҳангоми қабули шаҳрвандон ба кор ва таъин ба мансаб дар мақомоти давлатӣ, такмили пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани сифат ва мутобиққунонии раванди хизматрасонии давлатӣ;

- мусоидат ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва дониши аҳолӣ бо мақсади аз худ кардани малакаи рафтори қонунӣ ва огоҳмандии шаҳрвандон аз оқибатҳои рафтори ғайриқонунӣ;

5) дар самти баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ- иқтисодии аҳолӣ:

- тезонидани суръати ислоҳот вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолии мамлакат, пешниҳод намудани имкониятҳои баробар барои амалӣ намудани зарфиятҳои инсонӣ, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таҳкими амнияти миллӣ дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ;

- таъмини шароитҳои ҷаззоби андозӣ, идоракунӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати беҳтар намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши иқтисодиёти воқеӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи соҳибкорӣ, тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон;

- кам кардани сарбории андози субъектони хоҷагидор, содагардонии маъмурикунонии андоз, баланд бардоштани шаффофият ва пешгӯишавандагии низоми андоз;

- таъмини иҷрои уҳдадориҳои бонкӣ, пурзӯр намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои амонатгузорон;

- ҳифзи аҳолӣ аз болоравии ҷиддии нархи маводи ғизоӣ ва молҳои дигари ниёзи аввал;

- коҳиш додани сатҳи бекорӣ, бахусус дар байни ҷавонон, таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ки боиси ба даст овардани музди меҳнати сазовор ва ё даромад аз иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегардад;

- мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои манзилии шаҳрвандон, ташаккули низоми дастгирӣ ва дастрасӣ ба манзил, рушди қарздиҳии ипотекӣ;

- ташкил намудани низоми маҷмӯии хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, расонидани кумаки ҳамаҷониба ба маъюбон, пиронсолон, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, кӯдакони ятиму бепарастор ва беназоратмонда, модарони кӯдакони маъюбдошта, нафақахурон ва оилаҳои камбизоат равона шудааст;

6) дар самти таъсиррасонӣ ба омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ:

- такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии томуҳоҷиратӣ, мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои будубош ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;

- пешгирии ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар кишварҳое, ки ба онҳо шуғл пешниҳод намудааст;

- бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар заминаи бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ;

7) дар самти амиқгардонӣ ва васеъ намудани чораҳои пешгирии экстремизм дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ:

- таъминоти қонунию ҳуқуқӣ ва техникии пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- беҳтар намудани шароитҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар байни маҳкумшудагон;

- фароҳам овардани шароит барои бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон, такмили фаъолияти истеҳсолию хоҷагии муассисаҳои ислоҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии меҳнати маҳкумшудагон;

- такмили низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ;

- беҳтар намудани усулҳо ва васеъ намудани заминаҳои ниҳодии пешгирии дохилимаҳбасии экстремизм ва терроризм;

8) дар самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ:

- андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстремистӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа;

- тақвият бахшидани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати муқовимати нисбатан самараноктар ба таҳдидҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои терроризм, тафтиши саривақтӣ ва сифатноки киберҷиноятҳо;

- мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ;

- таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

- таҳлили доимии қонунгузорӣ доир ба маҳдудкунӣ, поккунӣ ва хориҷ намудани контентҳои ғайриқонунии интернетӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии қонунгузорӣ дар ин самт, инчунин таҳлили доимии таҷрибаи дигар кишварҳо оид ба бартараф намудани хавфҳо дар ин соҳа;

9) дар самти ташкили амалияи аз лиҳози гендерӣ ҳассоси муқовимат ба экстремизм ва терроризм:

- бартараф намудани шароитҳое, ки рушд, фаъолнокии иҷтимоӣ, мустақилияти молиявӣ ва озодии амалҳои занонро боз дошта, ба осебпазирии онҳо аз ташвиқоти экстремистӣ мусоидат менамояд;

- роҳандозӣ намудани тадқиқотҳои ҳамаҷонибаи сабабҳо ва сатҳи паҳншавии иштироки занон дар экстремизми хушунатомез, фош кардани бепоягии қолибҳое, ки унсурҳои экстремистӣ ҷиҳати коркарди равонии занон истифода мекунанд;

- васеъ намудани иштироки занон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм, такмили кор ва баланд бардоштани донишҳои кормандон дар самти баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ;

10) дар самти таҳкими ҳамкориҳо байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ:

- баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи чораҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- мусоидат ба баланд бардоштани фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар коркарди чораҳои муқовимат ба экстремизм, такмили низоми муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани зарфиятҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

11) дар самти такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ:

- такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- баланд бардоштани самаранокии ҳуқуқтатбиққунӣ ва тақвияти зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкоркунӣ, қатъ намудан ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта;

- пурзӯр намудани зарфият ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқию оперативӣ ҷиҳати «ошкор ва дахолат намудан», аз ҷумла бартараф намудани кӯшишҳои ба минтақаи амалиётҳои ҷангӣ сафар кардани шаҳрвандон ва мамониат намудан ба интиқолу ҷойивазкунии террористон;

- ташаккули механизми муроҷиатҳои маҳрамона, аз ҷумла ташкили «телефони боварӣ» барои шаҳрвандоне, ки оид ба ҳолатҳои тундгароӣ иттилоот ё гумонҳои асоснок доранд;

- таъмини омодагии доимӣ ба фишорҳои гурӯҳҳои экстремистӣ ва неруҳои терроризми байналмилалӣ, қатъ намудани амалисозии нақшаҳои онҳо доир ба анҷом додани фаъолияти тахрибкорона;

- таҳияи барномаи миллии машқҳои зиддитеррористӣ;

- баланд бардоштани самаранокии мубориза бо маблағгузории терроризм ва экстремизми байналмилалӣ;

12) дар самти барқарорсозӣ ва интегратсияи шахсони гузаштаи экстремистӣ ё террористидошта:

- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеаи маҳаллӣ нисбати шахсони барқароршаванда ва интегратсияшаванда;

- таҳияи барномаи барқарорсозӣ ва интегратсияи маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта, аз ҷумла иштирок дар низоҳои ҳарбии ҳудуди кишварҳои хориҷӣ маҳкум шудаанд;

- чораандешӣ ҷиҳати баргардонидан, солимгардонии тиббию равонӣ, таъмин намудан бо кор ва бо таҳсил фаро гирифтани занону кӯдаконе, ки аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар кишварҳо баргардонида шудаанд ё мешаванд;

- барқарорсозӣ ва реинтегратсияи ҷангиён-террористоне, ки аз иштирок дар муҳорибаҳои ҷангии ҳудуди кишварҳои дигар даст кашида, баргаштаанд, инчунин шахсоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистию террористии дар ҳудуди Тоҷикистон манъшуда даст кашидаанд;

13) дар самти таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ:

- васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи муқовимат ба экстремизм, терроризм, сепаратизми байналмилалӣ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигари хусусияти байналмилалидошта;

- такмили ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту хадамоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ доир ба ташкили муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла оид ба масъалаҳои пайгирӣ ва назорат бурдан ба ҷойивазкунии экстремистони таҷовузкор;

- мусоидат ба тақвияти зарфиятҳои субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм.

## 4. НИШОНДИҲАНДАҲО, ИНТИЗОРИҲО, МАРҲИЛАҲОИ ИҶРО, ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

24. Стратегияи мазкурро мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот бо иштироки фаъолонаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ татбиқ менамоянд.

25. Чорабиниҳои мушаххас доир ба ҳар як бахши Стратегияи мазкур дар Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки ҷузъи ҷудонашвандаи он маҳсуб меёбад, пешбинӣ шудаанд.

26. Нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) иҷрои Стратегияи мазкур инҳо мебошанд:

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаи амали дар Стратегияи мазкур пешбинишуда, инчунин амалӣ гардидани онҳо;

- омӯзиши масъалаи мувофиқи мақсад будани таъсиси сохторҳои иловагии дар Стратегияи мазкур пешбинишуда оид ба муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм;

- мавҷудият ва самаранок амалӣ шудани барномаҳои идоравӣ ва минтақавии муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- миқдор ва сифати чорабиниҳои профилактии гузаронидашуда, аз ҷумла бо иштироки рӯҳониён, коркард ва ворид гардидани усулҳои махсусгардонидашудаи профилактика;

- миқдори рисолаҳои дипломӣ, корҳои хатмкунии тахассусӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ, тадқиқоти сотсиологӣ ва равоншиносӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- шумораи интишорот дар воситаҳои ахбори умуми чопӣ, барномаҳои радио, телевизион ва театрикунонидашуда дар мавзӯи мазкур;

- шумораи мутахассисони тайёркардашуда дар самти муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм;

- миқдори семинар-тренингҳо ва вебинарҳо бо ҷалби коршиносон ва кормандони амалие, ки дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм фаъолият менамоянд, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма, намояндагони ҷамоаҳои маҳаллӣ, созмонҳои ҷавонон, занон ва ташкилотҳои динӣ;

- ба барномаҳои курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардидани фанҳои вобаста ба масъалаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, таҳияи модулҳои таълимӣ барои шунавандагони онҳо;

- кам гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти риояи қонунгузорӣ оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ;

- ҳаҷми чорабиниҳо доир ба омӯзонидани қонунгузорӣ оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ ба кормандоне, ки назоратро дар ин соҳа амалӣ менамоянд;

- миқдори шахсони ғайрирасмӣ дар муассисаҳои таълимоти динии кишварҳои хориҷӣ таҳсилкунанда, ки ба Ватан баргардонида шудаанд (бо солҳо);

- тағйирёбии шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ доир ба таълимоти ғайриқонунии динии кӯдакон;

- вусъати фаъолияти профилактикӣ доир ба пешгирии беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон, тағйирёбии вазъи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон (бо солҳо);

- миқдори ҳолатҳои ошкоршудаи вайронкунии талаботи қонунгузорӣ дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;

- миқдори ҳолатҳои ошкоргардидаи вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон ва тадбирҳои андешидашуда оид ба ҳифзи онҳо;

- тағйирёбии ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, аз ҷумла дар соҳаи истифодабарии амволи давлатӣ, хусусигардонӣ, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигари идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёт;

- тағйирот дар миқдор ва таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта, аз ҷумла доир ба маблағгузории терроризми байналмилалӣ;

- шумораи манбаъҳои интернетии дорои маводи хусусияти экстремистию террористидошта, ки дастрасӣ ба онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст;

- афзоиши шумораи занон дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар мубориза ба экстремизм ва терроризм иштирок менамоянд (бо солҳо);

- тағйирёбии микдори ташкилотҳои ғайридавлатие, ки дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм махсус гардонида шудаанд;

- микдори чорабиниҳои профилактикӣ ва амалиёти махсус доир ба пешгирӣ, ошкор ва қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва шабакаҳои маблағгузории терроризм, ки якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар гузаронида шудаанд;

- миқдори ҳолатҳои сафари шаҳрвандон ба минтақаҳои амалиёти ҷангӣ ва ҷойивазкунии террористон, ки ба шарофати таҳкими зарфиятҳо ва заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ барои «ошкор ва дахолат» пешгирӣ карда шудаанд;

- ҳаҷми чорабиниҳо доир ба тайёркунии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар;

- дараҷаи риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон зимни амалисозии чорабиниҳои пешбининамудаи Стратегияи мазкур;

- тағйирёбии микдории ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқҳои шахс дар натиҷаи амалисозии чораҳои мубориза бо терроризм;

- миқдори тадқиқотҳои нашргардида доир ба масъалаҳои экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон;

- кам гардидани шумораи шаҳрвандони ба минтақаи амалиётҳои ҷангии кишварҳои хориҷӣ сафаркарда, афзоиши миқдори аъзои оилаи шаҳрвандони ба ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳшуда, ки ба Ватан баргардонида шудаанд, барқарорсозии муваффақонаи онҳо.

27. Амалисозии Стартегияи мазкур аз рӯи нишондиҳандаҳое, ки наметавонанд аз рӯи миқдор арзёбӣ гарданд, аз рӯи анҷомёбӣ ва сифати иҷрои чорабиниҳо баҳо дода мешавад.

28. Интизориҳо аз натиҷаҳои амалисозии Стратегияи мазкур инҳоянд:

1) таҷдид ва такмили тарзу усулҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм бо дар назар доштани стандартҳо ва методҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти профилактикӣ, таъмини болоравии сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури шаҳрвандон, пешгирии афзоиши тундгароӣ ва экстремизм дар ҷомеа;

2) такмили заминаҳои ҳуқуқию ниҳодии муқовимат ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани сатҳи донишҳо ва малакаи кормандони мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

3) таҳким бахшидан ба накши низоми маориф, ташкилотҳои динӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм;

4) афзудани сатҳи ҳифозати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, ки боиси коҳиш ёфтани осебпазирии онҳо аз ташвиқоти экстремистӣ мегардад;

5) баланд бардоштани масъулият, беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм, тақвияти зарфият ва самаранокии фаъолияти онҳо дар пешгирӣ, ошкор, қатъ намудан ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта.

29. Ҳадафҳои ниҳоии амалисозии Стратегияи мазкур таъмини бехатарии аҳолӣ ва фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани эътимоду боварии шаҳрвандон нисбати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи авзои ороми сиёсию ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

30. Таъминоти молиявии амалисозии Стратегияи мазкур аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ пешбинишуда, инчунин маблағҳои ташкилотҳои мададрасон ба амал бароварда мешавад.

31. Аз ҳисоби маблағҳои созмонҳои мададрасони байналмилалӣ маблағгузорӣ намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маблағгузории чорабиниҳои алоҳидаи Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, таҳия ва вориднамоии барномаҳои таълимӣ ва маводи дарсӣ, гузаронидани семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар, ташаккули махзанҳои маълумот ва ғайра дар назар дошта шудааст.

32. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, инчунин Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалб намудани кумаки молиявӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ниҳодҳои молиявӣ, сафоратҳо ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ барои амалигардонии Стратегияи мазкур тадбирҳо меандешанд.

33. Амалисозии Стратегияи мазкур дар се марҳила дар назар дошта шудааст.

1) вазифаҳои марҳилаи аввал (соли 2021) инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои амалисозии Стратегияи мазкур, муаррифӣ намудани он ба мақомоти давлатӣ, ҷамоатчигӣ ва созмонҳои байналмилалӣ;

- таҳияи нақша ва лоиҳаҳои мушаххас оид ба амалисозии Стратегияи мазкур дар мақомоти давлатӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, ташаккул додани гурӯҳҳои кории байниидоравӣ, аз ҷумла дар маҳалҳо бо ворид намудани намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба онҳо ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи мазкур;

- таҳияи харҷномаҳо (лоиҳаҳо) барои амалишавии чорабиниҳои банақшагирифташуда, ки маблағгузориро аз буҷети давлатӣ ё сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ тақозо менамоянд;

- дарёфти созмонҳои мададрасон ҷиҳати маблағгузории чорабиниҳои банақшагирифташуда;

- оғози амалисозии чорабиниҳои пешбининамудаи Стратегияи мазкур;

2) вазифаҳои марҳилаи дуюм (солҳои 2022-2023) вусъат бахшидан ба татбиқи чорабиниҳо, ташкил ва ҷорӣ намудани механизмҳои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм мебошанд;

3) дар марҳилаи сеюм (солҳои 2024-2025) чорабиниҳои татбиқшаванда бо натиҷаҳои мониторинги дохилию берунӣ такмил дода мешаванд. Дар охири ин марҳила (соли 2025) натиҷаҳои амалишавии Стратегияи мазкур ҷамъбаст карда шуда, дар ҳолати зарурӣ ҷиҳати таҳияи санадҳои нави банақшагирии стратегӣ дар ин соҳа таклифҳо манзур карда мешаванд.

34. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба иҷрои Стратегияи мазкур, инчунин назорат ба рафти амалишавии он аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

35. Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро доир ба ҷалб намудани ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, инчунин сафорат ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ба амалисозии Стратегияи мазкур тавассути Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд.

36. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои марҳилавӣ ва рафти амалисозии Стратегияи мазкурро дар маҷмӯъ арзёбӣ ва оид ба тартиби татбиқ, ворид намудан, хориҷ намудан ва мушаххас намудани бандҳои алоҳидаи он таклифҳо манзур менамояд.

Замимаи 2
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
1 июни соли 2021, № 187

НАҚШАИ АМАЛ
ОИД БА АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

| Р/т | Самтҳои асосӣ ва мақсадҳо | Чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳо | Мӯҳлатҳои иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| 1. Баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм ва терроризм | | | | |
| 1 | Вусъат бахшидани корҳои профилактикӣ, такмили чораҳои пешгирӣ дар асоси таҳлили самаранокии онҳо | 1) Гузаронидани таҳлили самаранокӣ ва таъсирбахшии тарзу усулҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ истифодашавандаи профилактикӣ, ба нақшаҳои корҳои профилактикӣ ворид намудани чораҳои пешгирии ҳам инфиродӣ ва ҳам умумӣ<br>2) Баргузор намудани конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо (тренингҳо) ва чорабиниҳои дигари иттилоотию фаҳмондадиҳӣ бо ҷалби олимону коршиносон, зиёиёни эҷодкор, мақомоти давлатии масъул ба пешгирии экстремизм, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ | Мунтазам<br>Мунтазам<br>Мунтазам | Ҳама субъектоне, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд ва субъектоне, ки дар ин муқовимат иштирок менамоянд<br>Ҳама субъектоне, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд ва субъектоне, ки дар ин муқовимат иштирок менамоянд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 3) Бо чораҳои профилактикӣ фаро гирифтани ашхоси ба экстремизм моил<br><br>4) Такмили усулҳои пешгирии рӯҳияи экстремистӣ дар бозорҳо, намоишгоҳҳо, осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо ва ҷойҳои дигари ҷамъшавии доимии одамон | 2021- 2022 | Ҳама субъектоне, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд ва субъектоне, ки дар ин муқовимат иштирок менамоянд<br><br>Ҳама субъектоне, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд ва субъектоне, ки дар ин муқовимат иштирок менамоянд |
| 2 | Ташкил ва васеъ намудани тадқиқоти илмию таҳлилӣ ва сотсиологӣ вобаста ба сабабу шароитҳои экстремизм ва терроризм дар ин раванд ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии арзёбии арзиши онҳо ҳисобидани имконпазирии татбиқи воқеии онҳо (хулосаву таклифҳо) дар амалия | 1) Ба номгӯи мавзӯъҳои рисолаҳои дипломӣ ва хатмкунӣ ворид намудани масъалаҳои мубориза бо экстремизм ва терроризм барои донишҷӯён ва магистрҳои муассисаҳои таълимӣ, ҳавасмандгардонии муалифони тадқиқотҳои илмӣ доир ба ин мавзӯъ барои унвонҷӯён, аспирантҳо ва тадқиқотчиёни дигар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъди олии касбӣ дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ<br><br>2) Гирифтани хулосаи мақомоти давлатии ба экстремизм ва терроризм муқовиматкунанда дар бораи дараҷаи судмандӣ ва дар амалия татбиқшавандагии натиҷаҳои (хулоса ва пешниҳодҳои) рисолаҳои дипломӣ, номзадӣ ва докторӣ дар ин мавзӯъ<br><br>3) Беҳтар намудани пешгӯии вазъи динӣ, рӯҳия ва ҳолати равонӣ дар қишрҳои гуногуни ҷомеа, ба таври мунтазам гузаронидани мониторинг ва тадқиқоти сотсиологию равоншиносӣ ҷиҳати муайян намудани дараҷа, сабаб ва манбаъҳои тундгароӣ | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>2022-2023 | ВМИ, АМИ, КОА<br><br>ВМИ, КОА, шӯроҳои илмӣ ва диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | МТС, ПГ КДАМ, ВКД, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худиракунии шаҳраку деҳот |
| 3 | Фаъолтар намудани чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммаи электронию чопӣ, мусоидат ба воситаҳои ахбори омма дар ташаккули ҷаҳонбинии муосир, баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ | 1) Дастгирӣ ва мусоидати воситаҳои ахбори омма дар зиёд намудани интишорот ва барномаҳое, ки ба фошсозии моҳияти манфии тундгароӣ, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм равона шудаанд<br><br>2) Мусоидат кардан дар баланд бардоштани донишҳои кормандони воситаҳои ахбори омма дар мавзӯъҳои зиддиэкстремистӣ<br><br>3) Ба барномаҳои таҳлилии телевизион дохил намудани мавзӯъҳое, ки ба фаҳмондадиҳии таносуби дунявияти давлат бо озодии виҷдон ва озодфикрӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, дастовардҳои илму техника, кашфиёт дар соҳаҳои селексия, генетика, биотехнология, нанотехнология, таълимоти муосири фалсафӣ ва ғайра равона гардидаанд<br><br>4) Ба чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ дар телевизион ва воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ҷалб намудани зиёиёни эҷодкор, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии иштироки онҳо дар пешгирии экстремизм<br>5) Зиёд намудани миқдори барномаҳои мубоҳисавӣ дар шакли «подиум» ва «мубоҳисаҳо» доир ба масъалаҳои | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>2022-2025<br><br>Мунтазам | ВФ, ВКД, КДАМ, ПГ, АМИ, МТС<br><br>ВФ, ВА, ВКД, КДАМ, ПГ<br><br>ВФ, КТР, АМИ, ККДТАҶМ<br><br>ВФ, КТР, АМИ, ВМИ, ККДТАҶМ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, мушкилиҳои иқтисодию фарҳангии ҷомеаи муосир | Мунтазам | ВФ, КТР, АМИ, ВМИ, ВКХ, ВРИС, ККДТАҶМ, МТС |
| | | 6) Таҳия ва пахш намудани филмҳои ҳуҷҷатӣ, видеороликҳо ва барномаҳои радиоӣ дар бораи моҳият ва оқибатҳои экстремизм ва терроризм, додани афзалият ба филмҳое, ки ҷиҳати тақвияти устувории инфиродӣ, ҷамъиятӣ ва миллӣ ба экстремизми хушунатомез ташвиқоти бадбиниро ба фазои мусбӣ иваз менамоянд | 2022-2025 | КТР, ВФ, АМИ, ВМИ, ВКХ, ККДТАҶМ, МТС |
| | | 7) Омода намудан ва намоиш додани барномаҳои театрӣ оид ба оқибатҳои иштирок дар фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ | 2022-2025 | ВФ, КТР, ВКД, КДАМ |
| | | 8) Ҷиҳати баланд бардоштани огоҳмандӣ ва хушёрии аҳолӣ мунтазам пахш намудани иттилоот дар бораи ҳолатҳои ошкоршудаи фаъолияти бесуботкунандаи гурӯҳҳои тундрав, платформаи амалҳо, моҳияти нақшаҳо, минтақаҳои фаъолият, тарзу усулҳои аз ҷониби онҳо истифодашавандаи мағзшӯӣ ва ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҷалбкунии шаҳрвандон | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, субъектони дигари бевосита ба экстремизм муқовиматкунанда |
| | | 9) Инъикоси ҷараёни чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм тавассути телевизион ва радиои давлатӣ | Мунтазам | КТР, ВФ, ВКД, КДАМ, ПГ |
| | | 10) Дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ҷойгир намудани саҳифаҳои махсус ва саҳифаҳои мунтазам навшаванда доир ба масъалаҳои пешгирии тундгароӣ ва экстремизм | 2022 | Ҳама субъектони бевосита ба экстремизм муқовиматкунанда |
| | | 11) Бо адабиёти муосири илмӣ, бадеӣ ва кӯдакона таъмин намудани ҳама китобхонаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ | 2022-2025 | ВФ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | худидоракунии шаҳраку деҳот |
| 4 | Такмили механизмҳои ниҳодии пешгирии экстремизм ва терроризм, ҷалб кардани доираи боз ҳам васеътари мақомоти давлатӣ, дақиқ ва мушаххас намудани вазифаҳо, инчунин беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот доир ба пешгирии экстремизм ва терроризм | 1) Омӯзиши имконпазирии:<br>- таъсиси Шӯрои машваратӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки олимону коршиносон, сиёсатшиносон, кормандони вазорату идораҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ;<br><br>- эҳёи (таъсиси) Ҷамъияти лекторони «Дониш» дар назди Вазорати адлия ҷиҳати ташкили чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм<br><br>2) Таҳияи барномаҳои идоравӣ ва минтақавӣ доир ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ҷиҳати боз ҳам амиқтар муайян ва дақиқ намудани вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар ин самт аз нигоҳи самтӣ ва минтақавӣ<br><br>3) Таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти зичи мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва динӣ доир ба бартараф намудани экстремизм | 2022<br><br>2021-2022<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, АНМН, АНДММК, ВА<br><br>ВА, ВМ, ВКД, КДАМ, ПГ<br><br>Ҳама субъектоне, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд ва субъектоне, ки дар ин муқовимат иштирок менамоянд<br><br>ПГ, ВКХ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| 5 | Баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳайати омӯзгории бо ҷавонон коркунанда, ки муқовимат ба экстремизм ва терроризмро ба амал мебароранд | 1) Баргузор намудани вохӯриҳо ва семинарҳои доимӣ барои кормандони бахши робита бо ҷомеа бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, коршиносон ва мутахассисон доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм | Мунтазам<br><br>2022-2025 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2) Ташкил намудани курсҳои махсуси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо дарназардошти дастовардҳои нави илмӣ ва дастурҳои амалӣ барои кормандони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот доир ба мавзӯи мазкур, ба барномаҳои курсҳои такмили ихтисоси вазорату идораҳо ворид намудани омӯзиши санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ, мубориза бо экстремизм ва терроризм, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт<br>3) Таҳияи модулҳои таълимӣ ва ба барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар тамоми марказҳо ва донишкадаҳои такмили ихтисоси вазорату идораҳо ворид намудани фанни «Менеҷменти сиёсӣ»<br>4) Идома додани корҳо доир ба омода намудани мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм<br>5) Ҳангоми гузаронидани аттестатсияи кормандони соҳаи кор бо ҷомеа мавриди санҷиш қарор додани сатҳи донишҳои онҳо доир ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 2022-2023<br>2021-2024<br>2021-2025 | АИД, АХД, вазорату идораҳое, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ<br>АИД, АХД, вазорату идораҳое, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд<br>ВМИ, АИД, ВКД, КДАМ, ВМ, ХА<br>АХД, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| 2. Баланд бардоштани нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6 | Нигоҳ доштани ризоияти байнимазҳабӣ дар ҷомеа бо роҳи қабули тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, эҳтиром нисбати ҳама дину мазҳабҳо | 1) Роҳ надодан ба истифодабарии масҷидҳо, иттиҳодияҳои дигари динӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои ташвиқи афкор ва таълимоте, ки ба барангехтани кинаву адовати динӣ равона шудааст | Мунтазам | ККДТАҶМ, ВКД, КДАМ, ПГ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| | | 2) Риояи бархурди созанда зимни нашри китобҳо ва маводи маърифатӣ дар бораи моҳият ва фарқияти мактабҳои анъанавии ислом, худдорӣ аз зиёдаравӣ дар инъикоси ихтилофоти байни онҳо, баҳодиҳӣ ва муҳокимаронихое, ки метавонанд ҳамчун таҳқири ҳиссиёти динии намояндагони кадоме аз ин равияҳо баҳо дода шавад | Мунтазам | ВФ, АМИ, ВМИ, МТС ККДТАҶМ |
| | | 3) Ташкили курсҳо, омӯзишҳои даврӣ, семинарҳо ва мактабҳои тобистона доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ | 2022-2024 | ККДТАҶМ, ВФ, АМИ, МТС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 4) Ташкили экспертизаи мунтазами адабиёти динӣ аз нигоҳи ҷой надоштани даъват ба хушунат ва амалҳои террористӣ | Мунтазам | ККДТАҶМ |
| | | 5) Инъикоси нақши таърихии рӯҳониёни ватанӣ дар таъмини ҳамдигарфаҳмӣ байни ҳокимият ва аҳолӣ, дастгирии кӯшишҳои давлат дар ҳифзи тартибот ва пояҳои ахлоқии ҷомеа | Мунтазам | АМИ, ККДТАҶМ, ВМИ, ВФ, МТС |
| | | 6) Идомаи арҷгузорӣ аз намояндагони барҷастаи миллати тоҷик, ки дар ташаккули ҳамдигарфаҳмӣ байни мазҳабҳои гуногун, рушди афкори динию ҳуқуқии шарқ ва ҷаҳон саҳм гузоштаанд, гузаронидани конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти онҳо | Мунтазам | АМИ, ККДТАҶМ, ВМИ, ВФ, МТС |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 7 | Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ ё анҷоми маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз накунанд | 1) Ташкили омӯзиши муқаррароти Консепсияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои озодии виҷдон ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ аз ҷониби кормандони мақомоти давлатие, ки назорати фаъолияти иттиҳодияҳои диниро ба амал мебароранд<br><br>2) Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои вайронкунии онҳо аз тарафи кормандони тобеъ | 2021-2023<br><br>Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| 8 | Тайёр намудани кадрҳои миллии динӣ, ки дар як вақт ҳам донишҳои баланди динӣ ва ҳам ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд, баланд бардоштани сифат, рақобатпазирӣ ва обрӯи низоми миллии таҳсилоти динӣ | 1) Мунтазам навсозии барномаи таълимӣ, нақшаҳои таълим ва усулҳои дарсдиҳии фанҳои динӣ дар Донишкадаи исломии ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит, таъмини донишкада бо китобҳои дарсии муосири динӣ, ки дар асоси дастовардҳои навтарини илми педагогӣ таълиф шудаанд<br><br>2) Беҳтар намудани кортаъминкунии хатмкунандагони Донишкадаи исломии ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит | Мунтазам<br><br>Мунтазам | ККДТАҶМ, ДИТ, ВМИ, Донишкадаи илмӣ-тадқиқотии илмҳои педагогӣ, Академияи илмҳои педагогӣ<br><br>ККДТАҶМ, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | Ҳавасмандгардонии ба Ватан бозгаштани шахсоне, ки дар муассисаҳои таълими динии хориҷӣ ғайрирасмӣ таҳсил мекунанд, таъмини интег-ратсияи оромонаи онҳо ба ҷомеа | Бо ҷойи кор, таҳсили дахлдори динӣ дар низоми миллии таҳсилоти динӣ таъмин намудан (тибқи хоҳиш) ва дарёфти роҳҳои оромона ба муҳити динии кишвар ворид гардидани шахсоне, ки аз мактабҳои ғайрирасмии динии кишварҳои хориҷӣ бармегарданд | 2021-2025 | ККДТАҶМ, ВКХ, ВМИ, ВММША, ВКД, КДАМ, ПГ, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| 10 | Таъмини иштироки фаъоли рӯҳониён дар пешгирии экстремизм ва муқовимат ба раванди тундгароӣ дар муҳити динӣ, роҳандозӣ намудани усулҳои интерактивии пешбурди мубоҳисаҳо ва машваратҳо байни рӯҳониён ва аҳолӣ | 1) Истифодаи зарфияти рӯҳониёни муътабар ва ходимони иттиҳодияҳои динӣ дар пешгирии экстремизм дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва нигоҳ доштани фазои муносиб дар муҳити динӣ | Мунтазам | ККДТАҶМ, ВКД, КДАМ, ПГ, СРИҶҶ, КҶВ, ВМИ, КТР, ВММША, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 2) Гузаронидани мизҳои мудаввар ва барномаҳои телевизиону радио бо ҷалби намояндагони иттиҳодияҳои динӣ доир ба масъалаҳои такмили усулҳои пешгирии экстремизм дар байни диндорон | Мунтазам | ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 3) Интишор ва паҳн намудани буклетҳо ва маводи дигар барои имомхатибон ва ходимони дигари ташкилотҳои динӣ доир ба тарзу усулҳои гузаронидани машваратҳо, мубоҳисаҳо ва муколамаҳо | Мунтазам | ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 3. Баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм | | | | |
| 11 | Ҷиҳати васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ такмил додани барномаҳои таълимӣ ва | 1) Ба барномаи фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла таърих, адабиёт, ҷамъиятшиносӣ, ҳуқуқи инсон ва ғайра дар муассисаҳои таълимии ҳама сатҳҳо ворид намудани мавзӯъҳое, ки ба тарбияи хонандагону донишҷӯён дар | 2022-2023 | ВМИ, АМИ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | усулҳои таълими фанҳо ва мавзӯъҳое, ки хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ, новобаста аз мансубияти миллӣ ё динӣ, инчунин таҳаммулнопазирӣ нисбати экстремизм ва терроризм тарбия менамоянд | рӯҳияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани худшиносии миллӣ, муҳаббат ва садоқат ба арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ, эҳтиром нисбати инсон новобаста аз миллият ва дин, оштинопазирӣ нисбати зуҳуроти экстремизм ва терроризм равона шудаанд<br><br>2) Зиёд намудани миқдори соатҳои дарсӣ, машғулиятҳои амалӣ ва беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии умумӣ доир ба фанни «Таърихи халқи тоҷик»<br><br>3) Таҳия ва ворид намудани стандартҳои нави таълимӣ ва методикаҳои дарсдиҳӣ, ки ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони педагогӣ дар ин соҳа равона шудаанд<br><br>4) Ташкил ва баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм (муовинон оид ба корҳои тарбиявӣ, ташкилотчиён) | <br><br>2022<br><br>2021-2023<br><br>Мунтазам | <br><br>ВМИ, АМИ<br><br>ВМИ, АИД, АМИ<br><br>ВМИ |
| 12 | Васеъ намудани донишҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён тавассути ба барномаи муассисаҳои таълимӣ ворид намудани курсҳои махсуси дахлдор | 1) Ба барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ворид намудани курсҳои махсус доир ба мавзӯи «Менеҷменти сиёсӣ»<br><br>2) Таъсис додани ихтисоси «Менеҷменти сиёсӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>3) Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ ташкил намудани гӯшаҳои иттилоотии «Экстремизм - роҳ ба сӯи нобудӣ», «Антитеррор» ва ғайра бо ҷойгир намудани маводи алоқаманд ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 2022<br><br>2022<br><br>2021-2022 | ВМИ, АМИ<br><br>ВМИ<br><br>ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | Баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони педагогӣ ва мутахассисони муассисаҳои кӯдакона, коркард ва ворид намудани стандартҳои таълимии ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм равонашуда | 1) Таҳия ва ворид намудани стандартҳои таълимӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ<br><br>2) Ташкил намудани машғулиятҳо дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони педагогӣ ва кормандони муассисаҳои кӯдакона доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 2022<br><br>Мунтазам | ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ |
| 14 | Андешидани чораҳо ҷиҳати роҳ надодан ба таълимоти ғайриқонунии динии кӯдакон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, пешгирии беназоратӣ, бепарасторӣ ва ҳуқуқвайрон-куниҳо дар байни ноболиғон | 1) Пурзӯр намудани назорат ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ошкор ва рафъ намудани таълимоти динии пинҳонии кӯдакон дар назди шахсоне, ки иҷозати дахлдор надоранд<br><br>2) Таъмини иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон», ошкор ва бартараф намудани шароитҳои ба ҳуқуқвайронкуниҳо, беназоратмонӣ ва бепарастории кӯдакон мусоидаткунанда, ташаккули рафтори қонунии ноболиғон, барқарорбахшии ноболиғоне, ки ба мушкилоти зиндагӣ рӯбарӯ гардидаанд<br><br>3) Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон аз ҳама шаклҳои ҳуқуқвайрокунӣ, азобу шиканҷа, муносибати бераҳмона, хушунати равонию ҷисмонӣ, зӯроварӣ дар оила, истисмори ҷинсӣ, меҳнатӣ ва ғайра | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВМИ, ПГ, ВКД, КДАМ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВМИ, ВКД, ПГ, КҶВ, ВТҲИА, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВМИ, КҶВ, ВҲИ (ВҲК), ВКД, ПГ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15 | Тавсеаи дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути таъмини боз ҳам бештари шаффофият ва беғаразии имтиҳонҳои марказонида-шудаи дохилшавӣ, инчунин васеъ намудани асосҳои қонунӣ барои барқарор намудани донишҷӯёни қаблан хориҷшуда | 1) Таъмини шафоффияти боз ҳам бештари чараёни гузаронидан, беғаразӣ ва адолатнокии баҳогузорӣ ва шикояткунӣ аз натичаҳои имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ<br><br>2) Ҳамасола гузаронидани тақсимоти такрории доваталабон ба ҷойҳое, ки бо ягон сабаб ҳангоми тақсимоти асосӣ холӣ мондаанд, инчунин гузаронидани тақсимоти иловагии такрорӣ то ҳадди аксар пур шудани ҷойҳои холӣ<br><br>3) Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ҷиҳати имконпазир донистани барқароркунии донишҷуёни қаблан хориҷшудае, ки аз лаҳзаи хориҷ шуданашон муддатҳои зиёд гузаштааст, аз ҷумла донишҷӯёни курси якум, донишҷӯёни тоҷике, ки бо ягон сабаб барои давом додани таҳсил дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ имконият наёфтаанд, иҷозат додани ба муассисаҳои дигари таълимӣ гузаронидани донишҷӯёни курси якум баъди анҷоми нимсолаи аввал | 2022-2023<br><br>Мунтазам<br><br>2022-2023 | ММТ, ВМИ<br><br>ММТ, ВМИ<br><br>ВМИ, ММТ |
| 16 | Идома додани фароҳамоварии шароит барои рушди фарҳангӣ-маънавӣ, ватандӯстӣ ва ҷисмонӣ, тарбияи кӯдакон ва ҷавонон дар ҳама маҳалҳои аҳолинишин то сатҳи маҳалла, таъмини дастрасии иншооти фарҳангӣ, варзишӣ ва фароғатӣ | 1) Идомаи гузаронидани чорабиниҳо оид ба инкишофи инфрасохторҳои маҳаллӣ, бунёди иншооти варзишӣ, клубу китобхонаҳо, марказҳои маърифатӣ, бо ҷалби соҳибкории хусусӣ<br><br>2) Таъмини баҳисобгирии пурра, ба тавозуни ташкилотҳои дахлдор қабул намудан, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани иншооти варзишӣ ва фарҳангии сохташуда | Мунтазам<br><br>2021-2024 | КҶВ, ВРИС, ВМ, ВММША, ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>КҶВ, ВМ, ВММША, ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 4. Баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии шахс ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 17 | Таҳияи барномаҳои маҷмӯии давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гражданӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои дигари инсон ва шаҳрванд, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон | 1) Ба роҳ мондани таҳлили амиқу мунтазами мутобиқати қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон<br><br>2) Таҳия ва қабули Нақшаи маҷмӯии амалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар заминаи муттаҳид намудани нақшаҳои миллии амалҳо, тавсияҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ доир ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон | Мунтазам<br><br>2021-2023 | ВА, ММҚ, ДМТ, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ<br><br>ВА, ВҲИ, ММҚ, ПГ, ВКД, КДАМ |
| 18 | Таъмини риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти оперативӣ- ҷусутуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ | 1) Ба тақвияти кафолатҳои ҳуқуқи инсон дар раванди мубориза бо ҷинояткорӣ, экстремизм ва терроризм равона намудани ҷараёни такмили қонунгузорӣ<br><br>2) Таъмини татбиқи самараноки кафолатҳои мурофиавии бо қонунгузорӣ пешбинишудаи ҳуқуқи шахс ҳангоми дастгиркунӣ, инчунин чораҳои пешгирии шиканҷа, намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайринсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳангоми анҷом додани амалҳои оперативию тафтишотӣ<br><br>3) Дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин намудани риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва беэътибор донистани далелҳое, ки бо истифодаи шиканҷа, намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайринсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ба даст оварда шудаанд<br><br>4) Мунтазам баргузор намудани семинар-тренингҳо бо кормандони мақомоти прокуратура, муфаттишон ва кормандони фаврӣ доир ба пешгирии шиканҷа, намудҳои | 2021-2023<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, ВА, ММҚ, ВҲИ<br><br>ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, дигар мақомоте, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро доранд<br><br>ПГ, СО, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, мақомоти дигаре, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро доранд<br><br>ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайринсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, дар ин замина татбиқ намудани тағйироту иловаҳое, ки 14 майи соли 2016 ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд | | мақомоти дигаре, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро доранд |
| 19 | Тақвияти мубориза бо коррупсия ва бюрократизм дар хизмати давлатӣ, таъмини шаффофият ва беғаразӣ ҳангоми қабули шаҳрвандон ба кор ва таъин ба мансаб дар мақомоти давлатӣ, такмили пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани сифат ва оптималикунонии раванди хизматрасонии давлатӣ | 1) Таъмин намудани амалисозии Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2021-2025 | АНДММК, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, мақомоти дигаре, ки мубориза бо коррупсияро ба амал мебароранд |
| | | 2) Такмили чораҳои дохилиидоравӣ ва дохилиташкилотии пешгирии коррупсия ва бюрократизм, таҳкими механизмҳои назорати дохилӣ, танзими дақиқи ваколат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон, вокуниши қотеъона ба иттилоот оид ба қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти онҳо | 2021-2024 | Ҳама вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 3) Татбиқи васеи интихоби озмунии довталабон ба мансабҳои хизмати давлатӣ, истифодаи меъёрҳои самараноки баҳодиҳӣ ба дониш ва сифатҳои касбию ахлоқии довталабон, инкишофи механизмҳои ҷойивазкунии хизматчиёни давлатӣ дар мансабҳои роҳбарикунанда бо дарназардошти пешгирии коррупсия | Мунтазам | АХД, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 4) Тадриҷан баланд бардоштани сатҳи музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ҷорӣ намудани кумакпулии иҷтимоии яквақта зимни бporомадан ба рухсатӣ, индексатсияи мунтазами музди меҳнат, ки ба маҳдуд намудани ангеза барои коррупсия равона гардидааст | Мунтазам | ВМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 5) Таъмини танзими дақиқ ва баланд бардоштани шаффофияти барқарори хароҷоти маблағҳо ва захираҳои давлатӣ, хусусигардонӣ, хариди давлатии мол, аз ҷумла хариди давлатӣ зимни амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва харид аз ҷониби корхонаҳои дар моликияти давлат қарордошта, хизматрасониҳои давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти иҷроия | Мунтазам | ВМ, КДСИАД, АНДММК, ПҲ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 6) Вусъат додани ҷорикунии низоми гардиши электронии ҳуҷҷатҳо байни мақомоти идоракунии давлатӣ ва муоширати электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва сохторҳои тиҷоратӣ | 2021-2023 | ХА, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| 20 | Мусоидат ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва дониши аҳолӣ, аз худ кардани малакаи рафтори қонунӣ ва огоҳмандии шаҳрвандон аз оқибатҳои рафтори ғайриқонунӣ | 1) Таъмини иҷрои Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 | Мунтазам | ВА, АИД, ПГ, ВКД, КДАМ, вазорату идораҳои дигар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 2) Таҳия ва амалӣ намудани шаклу усулҳои нави тарбияи ҳуқуқӣ, ки ба ғанигардонии донишҳои сиёсию ҳуқуқӣ, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа ва бо роҳхои қонунӣ ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳояшон равона гардидааст | 2022-2023 | ВА, АИД, ПГ, ВКД, КДАМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | | 2022 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 3) Коркарди механизмҳои нав ва такмили механизмҳои мавҷудаи назорати ҷамъиятии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба онҳо | | АИД, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| | | 4) Ташкил намудани қабулгоҳҳои ҷамъиятии шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҷиҳати таъмини қабули саривақтии шаҳрвандон | 2021-2023 | Вазорату идораҳо, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| | | 5) Дар раванди баррасии ариза ва шикоятҳои шаҳрвандон вобаста ба мазмуни онҳо мувофиқан истифода бурдани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2021-2025 | Вазорату идораҳо, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| 5. Баланд бардоштани сатҳи таъминотии иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ | | | | |
| 21 | Тезонидани суръати ислоҳотҳо вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолии мамлакат, пешниҳод намудани имкониятҳои баробар барои амалӣ намудани зарфиятҳои инсонӣ, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таҳкими амнияти миллӣ дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ | Таъмини татбиқи самаранок, мониторинг ва арзёбии рафти татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | 2021-2025 | Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВРИС, мақомоти дахлдори давлатии соҳавӣ ва идоракунии минтақавӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 22 | Таъмини шароитҳои ҷаззоби андозӣ, идоракунӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати беҳтар намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши иқтисодиёти воқеӣ | Коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, пешгирии коррупсия дар раванди назорат ва идоракунии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла дар асоси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ | Мунтазам | КДСИАД, ВРИС, ВСТН, АНДММК, КА, ПҲ, мақомоти дигари идоракунӣ ва назорат |
| 23 | Фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи соҳибкорӣ, тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон | 1) Пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон<br><br>2) Беҳтар намудани фаъолияти назоратию санҷишии мақомоти давлатӣ, пешгирии санҷишҳои беасоси фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ ва вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо<br><br>3) Таҳкими ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | КДСИАД, ПГ, ВА<br><br>Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ, КДСИАД, ПГ, мақомоти дигари назоратию санҷишӣ<br><br>АСМСНС, ХЗИ, ВТҲИА, ПГ |
| 24 | Кам кардани сарбории андози субъектони хоҷагидор, содагардонии маъмури-кунонии андоз, баланд бардоштани шаффофият ва пешгӯишавандагии низоми андоз | Такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати равонакунонии он ба ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, зиёд гардидани миқдори андозсупорандагон, рушди истеҳсолот ва дар ин замина зиёд гардидани воридоти андозҳо ва даромадҳои дигари буҷети давлатӣ | 2021 | Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав, ВМ, КА |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 25 | Таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои бонкӣ, пурзӯр намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои амонатгузорон | 1) Пурзӯр намудани назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ доир ба таъмини шароитҳои мусоиди қарздиҳӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои бонкӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои амонатгузорон ва нигоҳ доштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ<br><br>2) Марҳила ба марҳила баланд бардоштани андозаи ҷуброни кафолатнок аз рӯи суғуртаи ҳатмии амонатҳои шахсони воқеӣ бо дарназардошти суботи низоми бонкӣ | Мунтазам<br><br>2022-2024 | БМТ, Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ<br><br>БМТ, Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| 26 | Ҳифзи аҳолӣ аз болоравии ҷиддии нархи маводи ғизоӣ ва дигар молҳои ниёзи аввал | 1) Ба роҳ мондани назорати доимии нархҳои маводи ғизоӣ ва дигар молҳои ниёзи аввал дар бозорҳо ва дигар муассисаҳои савдо, вокуниш ба баландкунии сунъии нархҳо ва инҳисори бозори молу маҳсулот<br><br>2) Ташаккули захираи зарурии маводи ғизоӣ, ташкили ярмаркаҳои даврии маҳсулоти кишоварзӣ | Мунтазам<br><br>Мунтазам | ХЗИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>АЗМД, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 27 | Коҳиш додани сатҳи бекорӣ, бахусус дар байни ҷавонон, таъмини шуғли маҳсулнокии аҳолӣ, ки боиси ба даст овардани музди меҳнати сазовор ва ё даромад аз иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегардад | 1) Барқарорсозии иқтидори истеҳсолии иншоотҳои саноатӣ, корхона, фабрикаҳо ва комбинатҳои калон, ки солҳои пеш миқдори зиёди шаҳрвандонро бо кор таъмин мекарданд<br><br>2) Дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳрҳо ва деҳот ҳамчун воситаи самараноки зиёд намудани миқдори ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани мушкилиҳои иҷтимоӣ<br><br>3) Татбиқи барномаҳои махсус, ки ба беҳтар намудани дурнамои таъмини шуғли шахсони мушкилиҳои махсусдошта (занон, маъюбон, муҳоҷирони баргаштаистодаи беихтисос) равона шудаанд, таҳкими механизмҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВСТН, КДСИАД, ВРИС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>КДСИАД, ВРИС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВММША, ВТҲИА, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 28 | Мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои манзилии шаҳрвандон, ташаккули низоми дастгирӣ ва дастрасӣ ба манзил, рушди қарздиҳии ипотекӣ | 1) Таҳия ва ҷорӣ намудани низоми манзили иҷтимоӣ барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ, роҳандозии тадбирҳо ҷиҳати ташаккули фонди давлатии манзили иҷтимоӣ<br><br>2) Инкишоф додани бозори аввалияи қарздиҳии ипотекӣ, аз ҷумла тавассути ташаккул ва ҷорӣ намудани стандартҳои қарздиҳии ипотекӣ, ҳавасмандгардонии суботи техникӣ ва молиявии фаъолияти бонкӣ дар ин самт<br><br>3) Тезонидани раванди таҳия ва қабули Кодекси нави манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар партави зарурати танзими муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар соҳаи манзил | 2021-2023<br><br>2022-2024<br><br>2021 | Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>БМТ, ВМ<br><br>Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав |
| 29 | Ташкил намудани низоми маҷмӯии хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, расонидани кумаки ҳамаҷониба ба маъюбон, пиронсолон, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, кӯдакони ятиму бепарастор ва беназоратмонда, модарони кӯдакони маъюбдошта, нафақахӯрон ва оилаҳои камбизоат равона шудааст | 1) Таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ташаккул ва рушди механизмҳои тақвияти суроғанокӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат, ташкил намудани базаи ягонаи электронии иттилоот дар бораи шахсоне, ки кумакпулии иҷтимоӣ мегиранд<br><br>2) Ҳифзи иҷтимоии оилаҳо ва кӯдаконе, ки ба мушкилиҳои зиндагӣ рӯбарӯ гардидаанд, бахусус кӯдакони ятим тавассути пешниҳод намудани кумакпулиҳо ва хизматҳои иҷтимоӣ, ки дар асоси арзёбии эҳтиёҷмандӣ татбиқ карда мешаванд<br><br>3) Таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи ба ҳаёт мутобиқкунонии (сотсиализатсияи) кӯдакони маъюб, | 2022-2025<br><br>Мунтазам<br><br>2023-2024 | ВТҲИА, АО, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВТҲИА, АСИН, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВТҲИА, АСИН, мақомоти иҷроияи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | кӯдакон-тарбиятгирандагони муассисаҳои интернатӣ ва мушоҳидаю ҳамроҳикунонии баъдиинтернатии онҳо | | маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 6. Таъсиррасонии омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | |
| 30 | Такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии томуҳоҷиратӣ, мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои будубош ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | 1) Рушди барномаҳои расмӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ ҳифзшудаи муҳоҷирати меҳнатӣ, тақвияти чорабиниҳо оид ба сабук намудани реҷаи будубош, шароити меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии муҳоҷирон дар кишварҳои будубоши онҳо | Мунтазам | ВММША, ВКХ |
| | | 2) Амиқгардонии низоми омодагии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар давраи то сафар, аз ҷумла таъминоти ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, омодасозии кутоҳмуддати касбӣ ва забондонии онҳо дар марказҳои омодагӣ | 2021-2023 | ВММША |
| | | 3) Такмили фаъолияти муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла намояндаҳои консулӣ дар фурудгоҳҳо, вокзалҳои роҳи оҳани давлатҳое, ки дар ҳудуди онҳо ё кишварҳои ба онҳо ҳамсоя низоҳои мусаллаҳона рух дода истодаанд ҷиҳати пешгирии ҷалбкунии шаҳрвандони Тоҷикистон ба ин низоҳо | Мунтазам | ВКХ<br>ВММША |
| 31 | Пешгирии ҷалбкунии муҳоҷирони меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар кишварҳое, ки ба онҳо шуғл пешниҳод намудааст | 1) Дар байни муҳоҷирони меҳнатии тоҷик гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ оид ба шароитҳое, ки ба ҷалбкунии онҳо аз ҷониби ташкилотҳои тундрав дар хориҷи кишвар мусоидат менамоянд, дар ин замина коркард намудани чораҳои самараноки ҳимоят кардани онҳо аз таъсир ва ташвиқоти ташкилотҳои экстремистӣ | 2022-2023 | ВММША, ВКХ, МТС |
| | | 2) Дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ паҳн намудани маводи иттилоотию тавзеҳотӣ дар шакли буклетҳо, плакатҳо ва дастурҳо оид ба тарзу усулҳои фаъолияти ҷалбкунии ташкилотҳои экстремистӣ дар хориҷи кишвар, | Мунтазам | ВММША, ВКХ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | хабардоркунии онҳо аз феҳристи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсие, ки фаъолияташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ гардидааст<br><br>3) Идома додани ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷик, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии Федератсияи Россия доир ба пешгирӣ намудани ҷалбкунии муҳоҷирон ба ташкилоту ҳаракатҳои экстремистӣ<br><br>4) Ташкил додан ва таъмин намудани фаъолияти самараноки медиапортали минтақавӣ барои муҳоҷирони меҳнатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бораи ҳуқуқҳои онҳо, усулҳои ҳимоят аз таҳдидҳо, аз ҷумла ҷалбкунӣ аз ҷониби гурӯҳҳои экстремистӣ бо хатҳои алоқаи махсуси кӯмакрасонӣ, дастгирӣ, роҳнамоӣ ва маслиҳатдиҳӣ | <br><br><br>Мунтазам<br><br><br><br>2021-2024 | <br><br><br>ВММША, ВКХ<br><br><br><br>ВММША, ВКХ (дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва ТҒД кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия бо дастгирии шарикони байналмилалӣ) |
| 32 | Бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар заминаи бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ | 1) Коркард ва амалӣ намудани тадбирҳо доир ба бартараф намудани оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла барҳам хӯрдани оилаҳои ҷавон, масъалаҳои инкишофи маънавию ҷисмонӣ, тарбия ва таълими кӯдакон аз оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, бо кумаки равоншиносию иҷтимоӣ фаро гирифтани онҳо<br><br>2) Дастгирии реинтегратсияи иқтисодию иҷтимоӣ ва равонӣ-иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баргаштаистода ҷиҳати таъмини рифоҳ ва воруди оромонаи онҳо ба ҷомеа | Мунтазам<br><br><br><br><br><br>Мунтазам | ВММША, ВМИ, ККЗО, КҶВ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br><br><br><br>ВММША, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 7. Амиқгардонӣ ва васеъ намудани чораҳои пешгирии экстремизм дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | | | | |
| 33 | Таъминоти қонунию ҳуқуқӣ ва техникии пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва таъсири | 1) Ба қонунгузорӣ ворид намудани меъёрҳое, ки имконпазирӣ, асосҳо, тартиб ва шароитҳои ҷудо нигоҳ доштани ашхоси барои содир намудани ҷиноятҳои | 2021-2022 | СРИҶҶ, ПГ, КДАМ, ВКД, ММҚ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ташкилотҳои экстремистию террористӣ ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшударо пешбинӣ менамоянд<br><br>2) Бунёд намудани муассисаиислоҳии навъи камеравӣ ҷиҳати ҷойгир намудани ашхоси барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда<br><br>3) Бо воситаҳои техникӣ ва махсуси муоинаву азназаргузаронӣ (интроскопҳои рентгенотелеви-зионию рентгенографӣ ва сканерҳо), маҳвкунандаи мавҷҳои радиоӣ ва воситаҳои дигари техникии мушоҳида ва назорати маҳкумшудагон таъмин намудани муассисаҳои ислоҳӣ<br>4) Беҳтар намудани шароитҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва риояи ҳуқуқҳои маҳбусон | <br><br>2021-2024<br><br><br><br>2021-2023<br><br><br><br>Мунтазам | <br><br>СРИҶҶ (дар доираи харҷномаи СРИҶҶ бо дастгирии шарикони байналмилалӣ)<br><br>СРИҶҶ (дар доираи харҷномаи СРИҶҶ бо дастгирии шарикони байналмилалӣ)<br><br>СРИҶҶ (дар доираи харҷнома бо дастгирии шарикони байналмилалӣ) |
| 34 | Фароҳам овардани шароит барои бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон, такмили фаъолияти истеҳсолию хоҷагии муассисаҳои ислоҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии меҳнати маҳкумшудагон | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Барномаи таълимоти касбӣ ва бо кор таъминкунии маҳкумшудагон дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин шахсони аз адои ҷазои ҷиноятӣ озодкардашуда барои солҳои 2022-2023 | 2022-2023 | СРИҶҶ |
| 35 | Такмили низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ | Бунёди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин китобхонаҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ, бо лавозимоти зарурӣ, китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ таъмин намудани онҳо | 2021-2024 | СРИҶҶ (дар доираи харҷнома бо дастгирии шарикони байналмилалӣ) |
| 36 | Беҳтар намудани усулҳо ва васеъ намудани заминаҳои ниҳодии пешгирии дохили-маҳбасии экстремизм ва терроризм | *1) Омӯзиши имконияти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани низоми пробатсия, ки ба ислоҳшавии шахсони ҷиноятсодиркарда бе ҷудокунии онҳо аз ҷамъият, омода намудани маҳкумшудагон ба ҳаёти берунимаҳбасӣ, инчунин назорат ва мушоҳида аз болои маҳкумшудагони аз* | 2021-2022 | СРИҶҶ, ММҚ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *муассисаҳои ислоҳӣ шартан пеш аз мӯҳлат озодшуда равона мегардад*<br><br>2) Вобаста ба имкониятҳои буҷети давлатӣ таъсис додани Маркази таълимӣ барои кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сохтори сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мунтазам гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ доир ба усулҳои фаъолияти профилактикӣ бо шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда | 2022-2023 | ВМ, СРИҶҶ |
| | | 3) Вобаста ба имкониятҳои буҷети давлатӣ зиёд намудани воҳидҳои кории кормандони сохторҳои тарбиявӣ ва назорати режим ҷиҳати дар муассисаҳои ислоҳӣ пурзӯр намудани корҳои тарбиявӣ ва назорати риояи режими нигоҳдории маҳкумшудагон | 2024-2025 | СРИҶҶ, ВМ |
| | | 4) Баргузор намудани вохӯриҳои кормандони мақомоти ҳафзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рӯҳониён бо маҳкумшудагон, гузаронидани чорабиниҳои ҳуқуқтарбиякунӣ ва варзишию фарҳангӣ ҷиҳати ба таври мусбӣ тағйир додани афкору ақидаҳои онҳо | Мунтазам | СРИҶҶ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, ККДТАҶМ, КҶВ |
| | | 5) Таҳияи ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Барномаи солимгардонии маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ё иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди давлатҳои хориҷа маҳкум шудаанд | 2021 | СРИҶҶ, ВКД, КДАМ, ВМ, АНМН, ВММША, ВТҲИА, АНДММК |
| | | 6) Таҳия ва пахш намудани сабтҳои видеоӣ дар байни маҳкумшудагон оид ба хавфу хатари фаъолияти ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ, оқибатҳои иштирок ва фаъолият дар онҳо | Мунтазам | СРИҶҶ, ВКД, КДАМ, АНМН, ВТҲИА, АНДММК, КТР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8. Баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ | | | | |
| 37 | Андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстремистӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа | 1) Таъсиси сомонаи давлатӣ ҷиҳати дар байни аҳолӣ интишор намудани иттилоот оид ба қонунгузорӣ, барномаҳо, стратегияҳо ва амалияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон<br><br>2) Омода намудан ва дар телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой додани видеороликҳои кӯтоҳ оид ба хавфи ташкилотҳои экстремистию террористӣ, усулҳои ҷалбкунӣ, оқибатҳои иштирок дар фаъолияти онҳо дар мисоли тақдири ғамангези афроди мушаххас, фарзандон, ҳамсарон ва модарони онҳо ҷиҳати аз ангезаи ҳамроҳшавӣ ба ин ташкилотҳо боздоштани ҷавонон | 2021-2022<br><br>2021-2023 | КДАМ, ХА, МТС, ВКД, ПГ, ККДТАҶМ, КҶВ бо дастгирии шарикони рушд<br><br>КТР, ХА, КДАМ, ВКД, ВМИ, ПГ, ККДТАҶМ, КҶВ бо дастгирии шарикони рушд |
| 38 | Тақвият бахшидани зарфият-ҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати муқовимати нисбатан самараноктар ба таҳдидҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои терроризм, тафтиши саривақтӣ ва сифатноки киберҷиноятҳо | 1) Баррасии имконияти таъсис додани ниҳоди алоҳида оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез дар интернет<br><br>2) Баргузор намудани семинарҳо барои кормандони амалӣ дар соҳаи таъқиби ҷиноятӣ (кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ва муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати омӯзиши амиқ ва омодасозии кормандони прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба масъалаҳои мубориза бо киберҷиноятҳо<br><br>3) Баргузор намудани чорабиниҳо доир ба васеъ намудани имкониятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба ҳифз намудан, коркард кардан ва нигоҳ доштани далелҳои электронӣ ҷиҳати тақвияти ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарӣ<br><br>4) Таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба мубодилаи босуръат ва самараноки иттилоот, аз ҷумла дастрас намудани иттилооти дахлдор аз махзани байналмилалии иттилоот (масалан, Интерпол) | 2021<br><br>2021-2023<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ХА, ВКД, КДАМ, ПГ, ККДТАҶМ<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, АНДММК, АНМН, бо дастгирии шарикони рушд<br><br>ПГ, ВКД, КДАМ бо дастгирии шарикони рушд<br><br>ПГ, ВКД, КДАМ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 5) Тақвияти самаранокии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ доир ба мониторинг ва ошкоркунии маводи ба паҳнкунии экстремизм ва амалҳои экстремистию террористӣ равонашуда дар воситаҳои чопию электронии ахбори омма, аз ҷумла захираҳои интернет | Мунтазам | ХА, ВКД, КДАМ, ПГ |
| 39 | Мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ | Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Facebook, YouTube, Twitter, Telegram ва медиа-платформаҳои дигар ҷиҳати муайян намудан, хориҷ кардан, қатъи дубора ҷойгир кардани маводи дорои унсурҳои экстремизм ва терроризми хушунатомез дар интернет | 2021-2023 | ХА, КДАМ, ВКД, интернет-провайдерҳо бо дастгирии шарикони рушд |
| 40 | Таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон | 1) Баргузор намудани тренингҳо бо муфаттишон ва кормандони дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба риояи ҳуқуқи инсон дар раванди муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 2021-2023 | ПГ, ВКД, КДАМ бо дастгирии шарикони рушд |
| | | 2) Таҳлили мунтазами қонунгузорӣ доир ба масдудкунӣ, поккунӣ ва хориҷ намудани контентҳои ғайриқонунии интернетӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии қонунгузорӣ дар ин самт, инчунин таҳлили доимии таҷрибаи кишварҳои дигар оид ба бартараф намудани хавфҳо дар ин соҳа | Мунтазам | КДАМ, ВА, ВКД, ПГ, ХА |
| | | 3) Таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон | Мунтазам | КДАМ, ВА, ВКД, ПГ, ХА |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. Ташкили амалияи аз лиҳози гендерӣ ҳассоси муқовимат ба экстремизм ва терроризм | | | | |
| 41 | Бартараф намудани шароитҳое, ки рушд, фаъолнокии иҷтимоӣ, мустақилияти молиявӣ ва озодии амалҳои занонро боз дошта, ба осебпазирии онҳо аз ташвиқоти экстремистӣ мусоидат менамояд | 1) Ташкил намудани мониторинги доимии иҷрои қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини баробарии гендерӣ ва татбиқи кафолатҳои давлатӣ вобаста ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон ва мардон<br><br>2) Таъмини дастрасии баробарии занон ва мардон ба неъматҳои моддӣ (замин, пул ва ғайра) ва ғайримоддӣ (таҳсилот, хизмати давлатӣ, тандурустӣ ва ғайра)<br><br>3) Тақвияти чорабиниҳо вобаста ба пешгирии ҳамагуна шаклҳои хушунат нисбати занон, расонидани кумак ба қурбониёни хушунат<br><br>4) Фаъолгардонии механизмҳои таъмини саводнокии ҳуқуқии занону духтарон, якҷоя бо ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати ба онҳо омӯзонидани таърихи сиёсӣ, динию фарҳангӣ, инчунин шаклу усулҳои ҷалбкунии занон аз ҷониби ташкилотҳои экстремистию террористӣ<br><br>5) Баланд бардоштани нақши занон, ташкилотҳои занонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолзанон дар шаҳру ноҳияҳо дар пешгирии тундгароӣ ва экстремизм | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ККЗО, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ККЗО, АХД, дигар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВКД, ККЗО, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ККЗО, ВА, КДАМ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ККЗО, КҶВ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 42 | Роҳандозӣ намудани тадқиқотҳои ҳамаҷонибаи сабабҳо ва сатҳи паҳншавии иштироки занон дар экстремизми хушунатомез, фош кардани бепоягии стереотипҳое, ки унсурҳои экстремистӣ ҷиҳати | 1) Баргузор намудани тадқиқоти ҷанбаи гендерӣ дар сохтори ташкилоти экстремистӣ, стереотипҳои гендерӣ, тарзу усулҳое, ки гурӯҳҳои тундрав ҷиҳати ба амалҳои хушунтаомез ҷалб кардани занон истифода мебаранд | 2022-2023 | ВКД, КДАМ, ПГ, МТС |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | коркарди равонии занон истифода мекунанд | 2) Омӯзиши мунтазами нақши занон, хусусият ва вусъати иштироки онҳо дар экстремизми хушунатомез, омилҳое, ки онҳоро барои шомил шудан ба гурӯҳҳои экстремистӣ ангеза медиҳанд | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, ККЗО, МТС |
| 43 | Васеъ намудани иштироки занон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм, такмили кор ва баланд бардоштани донишҳои кормандон дар самти баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ | 1) Зиёд намудани шумораи занон дар ҳама зинаҳо ва мансабҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар мубориза бо терроризм иштирок мекунанд, таъмин намудани мувозинати гендерӣ дар ҳайати гурӯҳҳои тарғиботие, ки бевосита бо аҳолӣ кор мекунанд | 2021-2025 | ВКД, КДАМ, ПГ |
| | | 2) Зоҳир намудани таваҷҷуҳи доимӣ ба қабул, дар коллектив нигоҳ доштан ва баланд бардоштани тахассуси кормандони ҷинси зан дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷиҳати таҳти назорати онҳо қарор гирифтани маҳкумшудагони ҷинси зан | Мунтазам | СРИҶҶ, ВКД, КДАМ, ПГ |
| | | 3) Дар ҳама мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян намудани кормандони доимии ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти ҷанбаҳои гендерии мубориза бо экстремизм ва терроризм масъул, ки мебояд нақши коршиносони усулиро доир ба ин масъала дар ташкилоти мазкур иҷро намоянд | 2021-2022 | ВКД, КДАМ, ПГ |
| | | 4) Роҳандозӣ намудани омӯзиши ҳама кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ доир ба тарзу усулҳои дар фаъолияташон ба инобат гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, СО |
| 10. Таҳкими ҳамкориҳо байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 44 | Баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи чораҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 1) Банақшагирӣ ва татбиқи тадқиқотҳои якҷояи сотсиологӣ, чорабиниҳои итиллотию тавзеҳотӣ ва дигар чорабиниҳои оммавӣ дар байни аҳолӣ<br><br>2) Ҷалб намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо бо кормандони мақомоти давлатӣ<br><br>3) Якҷоя бо созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор намудани конференсияҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм, таъмини иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадам дар ин самт дар ҳудуди кишварҳои дигар | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | МТС, ВКД, КДАМ, ПГ, субъектони дигаре, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, ВКХ, субъектони дигаре, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд<br><br>ВКД, ВМИ, ВА, КДАМ, ПГ, КҶВ, субъектони дигаре, ки бевосита ба экстремизм муқовимат мекунанд |
| 45 | Мусоидат ба баланд бардоштани фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кор-карди чораҳои муқовимат ба экстремизм, такмили низоми муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани зарфияти ҷамоатҳои маҳаллӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 1) Зоҳир намудани ибтикор ва дастгирӣ намудани иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва чорабиниҳо доир ба пешгирии экстремизм ва тундгароӣ<br><br>2) Мусоидат намудан ба таъсисёбии ташкилотҳои ғайридавлатии махсус ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва тундгароӣ машғулшаванда<br><br>3) Мусоидат ба амалисозии зарфияти ҷамоатҳои маҳаллӣ дар пешгирии экстремизми хушунатомез ва тундгароӣ дар марҳилаҳои барвақтӣ (гузаронидани семинарҳо, тренингҳо, таъминот бо маводи иттилоотӣ ва ғайра) | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, ВА<br><br>ВА, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 11. Такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 46 | Такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 1) Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм»<br><br>2) Таҳия ва нашри тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»<br><br>3) Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз он хориҷ шудан» | 2021-2022<br><br>2021-2022<br><br>2022 | ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН<br><br>ПГ, ВКД, ММҚ, КДАМ, ВА<br><br>ВКД, ПГ, КДАМ |
| 47 | Баланд бардоштани самаранокии ҳуқуқтатбиқкунӣ ва тақвияти зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкоркунӣ, қатъ намудан ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористи-дошта | Такмили чораҳои ошкорсозӣ ва таъқиби фаъолияти экстремистию террористӣ тавассути:<br>- ба роҳ мондани механизми самараноки ҳамкориҳои ташкилию амалӣ ва иттилоотӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба мубориза бо экстремизм ва терроризм;<br>- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ доир ба ошкорсозии манбаъҳои маҳаллии ташвиқи экстремизм ва терроризм, гурӯҳҳои тамоили тундравидошта, ҷалбкунандагони ҷавонон ба сафи ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ, пешгирӣ ва рафъ намудани амалҳои террористӣ бо риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд;<br>- ташкили «телефони боварӣ» барои шаҳрвандоне, ки оид ба ҳолатҳои тундгароӣ иттилоот ё гумонҳои асоснок доранд;<br>- роҳандозӣ намудани мониторинги пайвастаи захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи интернет ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот оид ба шахсон ва гурӯҳҳои ба фаъолияти экстремистию террористӣ дастдошта бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;<br>- таъмини тафтиши самаранок ва босифати ҷиноятҳои алоқаманд ба экстремизму терроризм бо риояи қатъии кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқҳои шахс;<br>- таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба масъалаҳои | Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, АНМН, АНДММК, ВМд, ГМ, КҲФМГ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ошкорсозӣ, рафъ ва тафтиш намудани зуҳуроти экстремистӣ;<br>- таъмини ногузирии ҷавобгарии шахсони гунаҳгор ва баланд бардоштани нақши тарбиявию пешгирикунандагии адолати судии ҷиноятӣ доир ба парвандаҳои марбут ба фаъолияти экстремистӣ;<br>- тақвияти назорат нисбати шахсони ба тундравӣ гаравида, аз ҷумла шахсоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистию террористӣ бинобар даст кашидан аз иштироки минбаъда дар амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди кишварҳои дигар, татбиқи авф ва бо дигар асосҳо озод шудаанд, бо риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд;<br>- баланд бардоштани сатҳи огоҳмандии аҳолӣ аз ҷавобгарӣ барои ҳамдастӣ ва ҳақ шуморидани фаъолияти террористӣ;<br>- дар ташвиқоти зиддиэкстремистию зиддитеррористӣ истифода бурдани таҷрибаи шахсоне, ки қаблан ба ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳ шуда буданд;<br>- таҳкими заминаи ҳуқуқию оперативии пешгирии ҳолатҳои сафари шаҳрвандон ба минтақаҳои ҷангзада ва мамониат ба интиқолу ҷойивазкунии террористон, аз ҷумла бо истифодаи Меморандуми Гаага-Марокаш оид ба таҷрибаи муносиби вокуниши самараноктар ба падидаи ҷангиён-террористони хориҷӣ | | |
| 48 | Таъмини омодагии доимӣ ба фишори гурӯҳҳои экстремистӣ ва неруҳои терроризми байналмилалӣ, қатъ намудани амалисозии нақшаҳои онҳо доир ба анҷом додани фаъолияти тахрибкорона | 1) Баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар манотиқи наздисарҳадӣ доир ба назорати сарҳадӣ ва муҳоҷиратӣ, пешгирии вуруди аъзои ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, унсурҳои алоҳидаи экстремистӣ, инчунин аз ҷониби онҳо ворид намудани маводи экстремистӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | КДАМ, ВКД, ХГ, ВМд, ГМ, ПГ |
| | | 2) Пурзӯр намудани назорати муомилоти ғайриқонунии силоҳу лавозимоти ҷангӣ, воситаҳои тарканда, маводи | Мунтазам | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | таркиш, аз ҷумла маводе, ки ҳамчун аносир барои тайёр намудани воситаҳои таркандаи худсоз истифода мешаванд | | ВКД, КДАМ, ХГ, ВМд, ГМ, ПГ |
| | | 3) Таъмини амнияти зиддитеррористӣ ва муҳофизати зиддидиверсионии иншооти махсусан муҳим, иншооти таҳти режим қарордошта, инфрасохтори ҳарбӣ, иншооти хавфи баланди техногению экологидошта, барои коҳиш додан ва бартараф намудани оқибатҳои фаъолияти экстремистию террористӣ | Мунтазам | ВКД, КДАМ, СРИЧҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ |
| | | 4) Таҳияи барномаи миллии машқҳои зиддитеррористӣ, ки ҳамасола баргузор намудани машқҳои тактикиро бо вонамуд сохтани амалҳои террористӣ дар шароитҳои ба воқеият наздик ҷиҳати санҷиши омодагии сохторҳои ҳукуматӣ, хадамоти ёрии таъҷилӣ, қисмҳои низомӣ ва муассисаҳои дигари давлатӣ барои вокуниш ба амалҳои террористӣ дар ҳама сатҳҳо (аз машқҳои махсусгардонидашуда то маҳаллӣ) пешбинӣ менамояд | Мунтазам | ВКД, КДАМ, СРИЧҶ, ХГ, ГМ, ВМд, КҲФМГ |
| | | 5) Пурзӯр намудани корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва оперативӣ ҷиҳати пешгирии роҳёбии ақидаҳои экстремистию террористӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои қудратӣ, инчунин дар байни хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои дигар ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | ВКД, КДАМ, СРИЧҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ |
| | | 6) Сохтмони иншооти нав ва таҷдиди иншооти амалкунанда барои баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва ҷисмонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | Мунтазам | ВКД, КДАМ, СРИЧҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ, ПГ |
| 49 | Баланд бардоштани самаранокии мубориза бо маблағгузории терроризм ва экстремизми байналмилалӣ | 1) Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризми байналмилалӣ дар раванди | 2021-2023 | БМТ, ПГ, КДАМ, ВКД |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | иҷрои тавсияҳои ФАТФ ва Қатъномаҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид | | |
| | | 2) Тақвияти ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақомоти назорати молиявӣ ва бонкӣ доир ба ошкорсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои маблағгузории фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ | Мунтазам | БМТ, ВКД, КДАМ, СРИҶҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ |
| | | 3) Таъмини дастрасии Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ба махзани иттилооти мақомоти давлатӣ | 2021-2022 | БМТ, ВКД, КДАМ, СРИҶҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ |
| | | 4) Такмили механизми ташаккули феҳристи шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои ба фаъолияти террористӣ алоқаманд | 2021-2020 | КДАМ, БМТ, ВКД, ПГ, СРИҶҶ, ХГ, ВМд, ГМ, КҲФМГ |
| | | 5) Тақвияти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ | Мунтазам | АНМН, ВКД, ПГ, КДАМ, БМТ |
| 12. Барқарорсозӣ ва интегратсияи шахсони гузаштаи экстремистӣ ё террористидошта | | | | |
| 50 | Таҳияи Барномаи барқарор-созӣ ва интегратсияи маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористи-дошта, аз ҷумла иштирок дар низоъҳои ҳарбии ҳудуди кишварҳои хориҷӣ маҳкум шудаанд | 1) Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани Барномаи барқарорсозӣ ва интегратсияи маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта, аз ҷумла иштирок дар низоъҳои ҳарбии ҳудуди кишварҳои хориҷӣ маҳкум шудаанд | 2021 | СРИҶҶ, ВКД, КДАМ, ВМ, ВММША, ВТҲИА, ПГ |
| | | 2) Баланд бардоштани донишҳои кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот доир ба кор дар ин самт | Мунтазам | СРИҶҶ, ПГ, ВКД, КДАМ, ВММША, ВТҲИА, мақомоти иҷроияи маҳаллии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 3) Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеаи маҳаллӣ нисбати шахсони барқароршаванда ва интегратсияшаванда | Мунтазам | ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот<br><br>Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақоти худидоракунии шаҳраку деҳот |
| 51 | Чораандешӣ ҷиҳати баргардонидан, солимгардо-нии тиббию равонӣ, таъмин намудан бо кор ва бо таҳсил фаро гирифтани занону кӯдаконе, ки аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди кишварҳои дигар баргардо-нида шудаанд ё мешаванд | 1) Омӯзиши хавфҳои марбут ба баргардонидани занону кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзада то баргардонидани онҳо | Мунтазам | ВКХ, КДАМ, ВКД, ВТҲИА, ВА, ВММША, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 2) Муайян намудани шахсият ва ба шаҳрвандии Тоҷикистон мансубият доштани занон ва кӯдакони ноболиғ, ки дар лагерҳои хориҷӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҷустуҷӯи хешовандон ва муайян намудани макон барои ҷойгиркунонии онҳо | Мунтазам | ВКХ, КДАМ, ВКД, ВТҲИА, ВА, ВММША, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 3) Барқарор намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти занону кӯдакони дар Тоҷикистон таваллудшуда, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти кӯдакони дар хориҷа таваллудшуда | Мунтазам | ВКХ, КДАМ, ВКД, ВТҲИА, ВА, ВММША, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 4) Таҳия ва татбиқи Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакон | 2021 | ВТҲИА, ВМИ, ВКХ, КДАМ, ВКД, ВА, ВММША, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, ГП |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 52 | Барқарорсозӣ ва регинтегратсияи ҷангиён- террористоне, ки аз иштирок дар муҳорибаҳои ҷангии ҳудуди кишварҳои дигар даст кашида, баргаштаанд, инчунин шахсоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистию террористии дар ҳудуди Тоҷикистон манъшуда даст кашидаанд | 1) Таҳия ва татбиқи Барномаи барқарорсозӣ ва регинтегратсияи шахсони категория мазкур<br><br>2) Таъмини чунин шахсон бо ҷойи кор ва фаро гирифтани онҳо бо таҳсил<br><br>3) Бо шахсони мазкур гузаронидани корҳои профилактикӣ бо ҷалби ходимони дин, мутахассисони равоншинос ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 2021<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВКД, КДАМ, ВА, ВММША, ВТҲИА, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВКД, КДАМ, ВА, ВММША, ВТҲИА, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ<br><br>ВКД, КДАМ, ВА, ВММША, ВТҲИА, ВФ, ККЗО, КҶВ, ККДТАҶМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | | 13. Таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ | | |
| 53 | Васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар самти муқовимат ба терроризми байналмилалӣ, экстремизм, сепаратизм, ҷинояткории муташаккилонаи байналмилалӣ | 1) Идома додани таҷрибаи дар самти ҳамроҳшавӣ ба ҳама абзорҳои мубориза бо терроризми дар чаҳорчӯбаи СММ қабулшуда, инчунин созишномаҳои асосӣ дар самти мубориза бо терроризм, ки дар чаҳорчӯбаи созмонҳои дигари байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд<br><br>2) Мутобиққунонии минбаъдаи қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бо терроризм бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, | 2021-2025<br><br>2022-2024 | ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигари хусусияти байналмилалидошта | инчунин муқаррароти қонунҳои моделии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил<br><br>3) Иштирок дар таҳияи созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар чаҳорчӯбаи СММ, ИДМ, СҲШ, СААД ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи мубориза бо экстремизм ва терроризм<br><br>4) Вусъат додани ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои дигар ва пешгирии ҷалбкунии онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои тундрав | <br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВА, ММҚ, ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ<br><br>ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ, ВА, ММҚ<br><br>ВКХ, ВММША, ВКД, ПГ, КДАМ |
| 54 | Такмили ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту хадамоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ доир ба ташкили муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла доир ба масъалаҳои пайгирӣ ва назорат бурдани ҷойивазкунии экстремистони таҷовузкор | 1) Баргузор намудани чорабиниҳои муштараки иттилоотию таблиғотӣ, профилактикӣ ва амалиёти махсус доир ба ошкорсозӣ ва қатъ намудани фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ, ошкорсозӣ, пайгирӣ намудан ва барҳам додани шабакаҳою манбаъҳои маблағгузории терррроризм<br><br>2) Ба роҳ мондани мубодилаи доимии иттилоот дар бораи таҳдидҳои содир намудани амалҳои хусусияти террористидошта, робитаҳои афрод ва гурӯҳҳои ҷиноятӣ бо ташкилотҳои экстремистию террористӣ, иттилооти дигари арзиши оперативидошта дар ин самт<br><br>3) Ҷамъоварии маълумот дар бораи макони эҳтимолии будубош, муайян намудан ва дастгир кардани шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ дар кофтукови байналмилалӣ қарордошта, истирдоди онҳо, инчунин расонидани кумаки дигари ҳуқуқӣ<br><br>4) Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо Интерпол, ИКАО ва ташкилоту хадамоти дигари байналмилалии | Мунтазам<br><br>Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд, ГМ, КҲФМГ<br><br>ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд, ГМ<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд, ГМ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | махсусгардонидашуда доир ба ташкил, пайгирӣ ва назорат аз болои интиқолу ҷойивазкунии унсурҳои экстремистию террористӣ<br><br>5) Ҳамкорӣ дар аниқкунӣ ва муаяйн намудани афрод ва гурӯҳҳое, ки аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет ҷиҳати анҷом додани фаъолияти экстремистию террористӣ истифода мебаранд | Мунтазам<br><br>Мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, ВКХ, ХА<br><br>ВКД, КДАМ, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд, ХА |
| 55 | Мусоидат ба тақвияти зарфиятҳои субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм | 1) Баррасии масъала оид ба таъсиси Маркази мубориза бо кибертерроризм дар назди Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Махзани ягонаи иттилоот доир ба сомонаҳои ташвиққунандаи терроризм ва таҳияи Консепсияи ягонаи мубориза бо киберҷинояткорӣ дар давлатҳои иштирокчии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай<br><br>2) Тайёркунӣ, бозмомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии якҷояи корман<br>дони прокуратура, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ, мақомоти кашфи молиявӣ, мутахассисон ва инструкторони воҳидҳои зиддитеррористӣ<br><br>3) Мубодилаи байниҳамдигарии таҷрибаи пешқадам, маводи иттилоотию таҳлилӣ, роҳнамоҳо ва дастурҳои амал оид ба пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафънамоӣ ва тафтиши амалҳои экстремистию террористӣ | 2021-2022<br><br>2022-2024<br><br>Мунтазам | ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ, АНМН, АНДММК<br><br>ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ, БМТ<br><br>ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, БМТ |

РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ:

АО - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АЗМД - Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
АИД - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АМИ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
АНДМВФ - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

АНМН - Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АСИН - Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
АСМСНС - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
АХД - Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ- Бонки миллии Тоҷикистон
ВА- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКД - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКХ - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМ- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМд - Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМИ - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМMША - Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВРИС - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВСТН - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВТҲИА - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВҲИ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВФ - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
ГМ - Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДИТ- Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Собит
ДМТ- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
КА - Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КДАМ - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
КДСИАД - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККДТАҶМ - Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККЗО - Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КОА- Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
КТР - Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҲФМГ - Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҶВ - Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММҚ - Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММТ - Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МТС - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПГ - Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПҲ - Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон
СО - Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СРИҶҶ - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХА - Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХГ - Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХЗИ - Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон